**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзӯи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аз мукаддима, 2 боб, 5 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва пешниҳодҳои муаллиф иборат мебошад.

Дар даврони тағйироти нав ба нави ҷомеа, таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф ва илм яке аз муҳимтарин масоили ҳаёти сиёсию иҷтимоии инсонҳо ба шумор меравад. Аҳамияти таҳқиқот дар соҳаи маориф аз он ҷиҳат аст, ки дар заминаи мазкур барномаҳо, стандартҳо, консепсияҳо ва лоиҳаҳои гуногун аз ҷониби давлат таҳия ва ба иҷро гузошта мешаванд, ки баррасии илмии онҳо аз ҷониби муҳаққиқони соҳа зарурати ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Мубрамияти дигар дар ин таҳқиқот он аст, ки таҳлили санадҳои марбут ба соҳаи маориф, махсусан бояд даврони гузариши системаи давлатдорӣ аз як даврон ба даврони дигарро низ дар бар гирифта, таҳлили илмии ҳамаҷониба ба роҳ монда шавад. Аз назари муаллиф, таваҷҷуҳ ба мафоҳими миллию фарҳангӣ дар танзими санадҳои соҳаи маориф асоси мубрамияти дигари таҳқиқоти мазкур мебошад. Яъне, дар танзими санадҳои соҳаи маориф бояд ба меъёрҳои гуногун аз ҷумла, руҳия ва андешаҳои миллӣ, ҳисси ватандустӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, таҷлили фарҳангу таърихи миллӣ, ки ҳамаи онҳо дар мафҳуми ҳувияти миллӣ хулоса мешаванд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад. Ҳамчунин, дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф низ мавридҳои мазкур низ бештар аз гузашта бояд мадди назари муҳаққиқон қарор гиранд, зеро раванди босуръати ҷаҳонишавӣ дар заминаи маориф шароитеро барои ҷомеа эҷод мекунад, ки метавонад ҳуқуқу манфиатҳои миллии ҷомеаҳо ва миллатҳоро бо хатару таҳдидҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ созад. Ба ҳамин ҷиҳат, дар автореферати диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич танзими сиёсати

давлатӣ дар соҳаи маориф бо дар назар гирифтани масоили ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандустӣ ва ҳамчунин таъмини ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи гуруҳҳои иҷтимоӣ мавриди таваҷҷуҳи вижа қарор гирифта, ба назари диссертант, дар сурати риоят намудани мавридҳои мазкур, таълиму тарбияти босифат аз кудакистонҳо то марказҳои омузиши олии касбӣ ва ғайра дар ҷомеа кафолат дода мешавад.

Муваффақиятҳои кори илмии мазкур нисбат ба норасоиҳои он бештар ба чашм мерасад. Дастёбии муаллиф ба ин муваффақиятҳо пеш аз хама ба сохтор ва чаҳорчубаи мантиқию илмӣ ва интихоби муносиби номи мавзӯи он мебошад, ки дар ин сатҳ иҷро намудани он на ба ҳар муҳаққиқ муяссар мегардад.

Мазмуну муҳтавои кори илмӣ ва тартиби илмию мантиқии автореферати диссертатсия дар сохтор ва тавсифи умумии он инъикоси худро пайдо кардааст, ки аз мавридҳои зерин иборат мебошанд:

- **Боби I. Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф**
  - *Зербоби якуми боби аввал: Таҳлили асосҳои илмию назарияви ва амалии рушди соҳаи маориф*
  - *Зербоби дуюми боби аввал: Омилҳои ташаккул ва инкишофи низоми маориф дар раванди дигаргуншавии ҷомеа*
- **Боби II. Раванди татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф**
  - *Зербоби якуми боби дуюм: Мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф*
  - *Зербоби дуюми боби дуюм: Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф*
  - *Зербоби сеюми боби дуюм: Ҳолат ва дурнамои рушди низоми маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда*

Аз нуктаҳои барҷастаи сохтор ва тартиби илмию мантиқии диссертатсия ба ин масъала ишора намудан мумкин аст, ки муҳаққиқ талош варзидааст, заминаҳо ва решаҳои инкишофи соҳаи маорифро дар раванди гузариш ва дигаргуншавии

ҷомеа мавриди баррасии илмӣ қарор диҳад. Аҳамияти масъалаи даврони гузариш дар он аст, ки ҳар барнома, лоиҳа, сиёсати давлатӣ ва стандартҳое, ки дар даврони гузариш бо тасмими давлат қатъӣ мегардад ва ҷиҳати иҷро ба ниҳодҳои марбута фиристода мешавад, метавонад ояндаи даҳсолаҳои як мамлакатро дар соҳаи маориф зери таъсири худ қарор диҳад. Пас, ба ҳамин ҷиҳат диссертант тавонистааст, нозукиҳо ва печидагиҳои танзими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро дар даврони газариш ва тағйирёбиҳои иҷтимоӣ ба таври илмӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Инчунин ишора намудан лозим аст, ки на танҳо муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро аз ҷонибҳои назариявию амалӣ таҳлил намудааст, балки онро дар равандҳои оянда ва дурнамои равобити сиёсию иҷтимоии ҳокимият ва мардуми ҳар ҷомеа низ баррасӣ намудааст.

Объекту предмети мавзуи кори имлӣ, мақсаду вазифаҳои дар пеши худ гузоштаи муаллиф, навгониҳои илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва методологияи мантиқии таҳқиқоти илмӣ ба таври возеҳу муайян нишон дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ фикрҳои ҷолиб баён намуда, зимни баррасии натиҷаҳои илмии диссертатсия, тавсияҳоеро барои истифодаи амалии натиҷаҳои илмии рисола зикр кардааст.

Албатта дар баробари муваффақиятҳои мавҷудбуда дар раванди кори илмӣ, баъзе масъалаҳо аз назари диссертант берун мондаанд, ки таваҷҷуҳи бештар ба онҳо метавонист кори илмии диссертатсиониро аз назари илмию амалӣ пурбортар ва амиқтар намояд. Масалан:

– Диссертант метавонист арсаҳои нави соҳаи таълиму тарбият аз ҷумла ҳуши маснуъӣ, технологияҳои нави иттилоотӣ ва ғайраро низ дар раванди таҳқиқоти илмии худ мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳад. Зеро, шароити тағйирёбанди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он самт дар ҳоли ҳаракат мебошад, ки давлатҳоро зарур аст дар сиёсатҳои соҳавии худ ин масъаларо низ мадди назар қарор диҳанд.

– Дуруст аст, ки муҳаққиқ дар танзими сиёсати давлатӣ ба масъалаи муҳими модернизатсия дар соҳаи маориф таваҷҷуҳ намудааст, аммо аз диссертант интизор

меравад, ки назари чанд олими раванди модернизатсияи соҳаи маориф дар шарқу ғарби оламро низ мавриди таҳлили илмӣ қарор медоданд, то ҷойгоҳ ва аҳамияти анҷоми чунин коре дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххастар худро ошкоро ба хонандагон нишон медод.

– Дар матни автореферат ва диссертатсия баъзан хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки бо каме таваҷҷуҳи бештар қобили ислоҳ мебошанд.

Шоистаи таваҷҷуҳ аст, ки эродҳои мазкур аз арзиши илмию амалӣ ва мантиқии диссертатсия кам накарда, диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзӯи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» пурра ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб гуфта метавонад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Асомадинов М.А.

Имзои Асомадинов М.А.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146.
Тел: (+992 37) 224 -72 -07

18.09.2025с.